**Суратҷаласаи №16**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

аз 26 ноябри соли 2020

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

26 ноябри соли 2020 соати 13.00 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 15:30.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи **«Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҳ. Раҷабов шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Муродӣ Мурод Бердӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон;
2. **Маъмурзода Носирҷони Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Унвонҷӯ Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович бо муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон А. Азимов, М. Нарзиқул, А. Кӯчарзода, Р. Раҳмонов, Б. Мақсудов ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Муродӣ Мурод Бердӣ тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон, **Маъмурзода Носирҷони Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон. баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон А. Азимов, М. Нарзиқул, Ҷ. Садуллоев, Т. Мардонӣ, У. Сафаров иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо – Т. Мардонӣ (раис), Б. Мақсудов, М. Нарзиқул (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 20 нафар аъзои Шӯро 15 нафар ҳузур доранд: аз инҳо 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 15, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 26. 11. 2020** **ш. Душанбе**

Баромади Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи **«Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»**, аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ, – **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон, **Маъмурзода Носирҷони Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон, муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон А. Азимов, М. Нарзиқул, А. Мамадназаров, Ҷ. Садуллоев шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович.

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи **«Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионии номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.